**Протоколи № 5**

Маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети фалсафаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

11 - уми ноябри соли 2022 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд**: аз 17 нафар аъзои Шӯрои олимон 16 нафар иштирок доштанд. 1 нафар бо сабабҳои узрнок иштирок надошт. Дар кори маҷлис шахсони даъватшуда иборат аз 16 нафар, ки сохторҳои факултетро намояндагӣ менамоянд, иштирок доранд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон шавад, пешниҳоди дигаре ҳаст? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Баррасии диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи «Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.

Аз рӯйи масъалаи мазкур Раиси Шӯрои олимони факултети фалсафа доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д баромад намуд. Ӯ таъкид намуд, ки рисолаи номзадии Исматуллои Сунъатулло Дар маҷлиси Шӯрои олимони факултет аз таърихи 26-уми октябри соли 2022 мавриди барррасӣ қарор гирифта, дар он бо баҳои мусбат арзёбӣ гардида, муқаризони холис муқаррар гардида буданд. Ҳоло тақризҳои муқарризони холис омода гардидаанд. Муқарризони холис – Абилов С. ва Амиров Т. Тақриси мусбат пешниҳод намудаанд ва худ низ дар кори маҷлис иштирок доранд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи дар мавзуи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи «Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфтаи оригиналӣ мансуб меёбад.
2. Диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи «Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)» ба ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-001 пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст. Дар маҷлис 16 нафар иштирок намуданд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар., «муқобил» - нест, «бетараф» - нест.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

Раиси маҷлис Маҳмадизода Н.Д

Котиби маҷлис Гадоев Н.